Тақриз

ба автореферати диссертатсияи номзадии Ҳикматуллоева Наимахон Анварҳоҷаевна дар мавзуи «Робитаҳои дуҷонибаи забонҳои тоҷикиву англисӣ (дар сатҳи лексика)» барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ

Мавриди баррасӣ қарор додани алоқаи ду забони бо ҳамдигар хеш ё бегона барои дақиқ шудани вижагиҳои робитаи онҳо ва ба таври возеҳ инъикос гардидани дараҷаи таъсири яке ба ҳамдигар кумаки калон мерасонад. Ин аст, ки диссертатсияи номзадии унвонҷӯ Ҳикматуллоева Наимахон Анварҳоҷаевна дар мавзуи «Робитаҳои дуҷонибаи забонҳои тоҷикиву англисӣ (дар сатҳи лексика)» саривақтӣ, мубрам ва муҳим арзёбӣ шуда, таҳқиқоти мазкур метавонад дар кушодашавии гиреҳҳои алоҳидаи ин масъала ёрӣ расонад.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсия бармеояд, ки кори анҷомдодаи Ҳикматуллоева Н. А. муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқиро дар бар мегирад.

Унвонҷӯ баъди дар муқаддима зикр намудани аҳаммияти таҳқиқ, дараҷаи омӯхташавии он, мақсаду вазифаҳо, усули таҳқиқу навгонии илмии дар пажуҳиш ҷойдошта ба таҳлили маводи аз забонҳои тоҷикиву англисӣ гирдовардааш руҷуъ намудааст.

Боби аввали диссертатсия мавсум ба “Корбурди вожаҳои тоҷикӣ дар забони англисӣ” шомили панҷ фасл ва ёздаҳ зерфасл мебошад.

Маводи ҷамъомада унвонҷӯро водор кардааст, ки иқтибосҳои тоҷикии дар забони англисӣ вуҷуддоштаро нахуст ба ҳиссаҳои нутқ, мисли исм, сифат, феъл ва вожаҳои ёридиҳанда ҷудо кунад. Аз назари муқоиса гузаронидани ин гуна калимаҳо Ҳикматуллоева Н. А.-ро ба ин хулоса овардааст, ки ҳиссаи зиёди чунин иқтибосҳоро исмҳо дар бар мегиранд. Калимаҳои марбут ба исмҳо аз ҷиҳати дараҷаи фаҳмо будани худ ба хонандаи имрӯза ягона набуда, бархе ҳоло ба ҳукми фаромӯшӣ рафтаанд ва баъзе то ҳол дар гардиш қарор доранд. Муаллифи кор ҳар

ду хели чунин исмҳоро ба гурӯҳҳои луғавӣ-маъноии зиёд, мисли номи матоъву либос, маводи ба тиб ва сангҳои қимат алоқманд, номи ҳайвоноту паранда, наботот, мафҳумҳои мухталиф (хели якум) ва номҳои дарахту гулу гиёҳ, макон; вазифаву мақом; матоъ ва либос; мафҳумҳои ҳарбӣ; хӯроку нӯшокӣ; мафҳумҳои мухталиф (хели дуюм) ҷудо намудааст.

Дар фасли охири боби нахуст унвончӯ нақши забони тоҷикиро дар роҳёбии унсурҳои луғавии забонҳои дигари ҷаҳон (монанди ҳиндӣ, муғулӣ, чинӣ) ба забони англисӣ баррасӣ намудааст.

Боби дуюм таҳти унвони "Корбурди вожаҳои англисӣ дар забони тоҷикӣ" фарогири дувоздаҳ фасл буда, дар онҳо унвончӯ танҳо исмҳои англисии дар забони тоҷикӣ мустаъмалро ба риштаи таҳлил кашидааст.

Маълум мегардад, ки вожаҳои мазкур одатан дар ифодаи номҳои нақлиёти баҳрию барӣ, техникаи кишоварзӣ, бозиҳои варзишӣ, тиҷорат, пеша, шуғл, вазифа, ва мафҳумҳои марбут ба онҳо, номи чиз, асбобҳои рӯзгор, дастгоҳҳо, воситаҳои алоқа, хӯроку нӯшокӣ, ҷой, манзил, мафҳумҳои ҳарбӣ, матоъ, либос, пӯшок, рустаниҳо, ҳайвоноту парандаҳо, мафҳумҳои мухталиф ба кор рафтаанд.

Дар боби сеюм, ки "Ҳамвожаҳои тоҷикиву англисӣ" ном дорад ва аз чор фаслу ҳафт зерфасл иборат аст, унвончӯ кӯшиш ба харҷ додааст, то нишон диҳад, ки ҳамвожаҳои то ҳол дар ҳар ду забон маҳфузмонда аз нигоҳи сарчашмаашон ҳамгун набуда, ба замонҳои мухталифи мавҷудияти ин забонҳо рабтдошта: қадим, қадиму нав, миёнаву нав ва танҳо давраи нави инкишофи онҳо дахл доранд.

Таҳлилу қиёс ба унвончӯ имкон додааст, то хулоса намояд, ки ҳамвожаҳои тоҷикиву англисӣ тибқи мансуб будани худ ба ҳиссаҳои нутқ яке исм, дигаре сифат, сеюмӣ шумора ва монанди инҳо буда, аз байни онҳо теъдоди ҳамвожаҳои марбут ба исм зиёд мебошанд ва гурӯҳҳои мухталифи луғавӣ-маъноиро дар бар мегиранд.

Ба ин тариқ, унвончӯ Ҳикматуллоева Н. А. дар натиҷаи таҳлил ва муқоиса тавонистааст, ки дараҷаи таъсири ду забони бо ҳам хеш: тоҷикӣ

ва англисиро ошкор карда, вижагиҳои корбурди чунин унсурҳои луғавиро ба якдигар муайян намояд. Номбурда барои таълифи чунин таҳқиқ заҳмати зиёд кашидааст.

Мутоилаи автореферати диссертатсия нишон дод, ки бо вуҷуди бо забони хуби илмӣ таълиф шудани кор дар он баъзан унвончӯ ба бархе хатоҳои имлоӣ ва китобат роҳ додааст, ки ислоҳи онҳо саҳл мебошад.

Умуман, диссертатсияи Ҳикматуллоева Наимахон Анварҳоҷаевна дар мавзуи «Робитаҳои дуҷонибаи забонҳои тоҷикиву англисӣ (дар сатҳи лексика)» мутобиқ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267-ум ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ сазовор мебошад.

Муқарриз: номзади илми филология,
дотсенти кафедраи забонҳои
тоҷикӣ ва русии Донишкадаи
иқтисод ва савдои Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон
дар шаҳри Хуҷанд Файзиева Сарвар Аҳмадовна
E-mail: sarvar.fayzieva@mail.ru
Телефон: 92-750-82-92

“Имзои Файзиева Сарвар Аҳмадовнаро тасдиқ мекунам”
Мудири шуъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Маҳмудов Ш.У.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
хиёбони Исмоили Сомонӣ, 169
E-mail: info@let.tj.
Телефон: 6-03-21
“30” майи 2022с.